**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№33**

**аз 24 декабри соли 2010** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи ҳукми судӣ**
***(бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №32 ворид гардидааст)***

Бинобар бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2009 дар бораи қабул ва аз 01 апрели соли 2010 мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вобаста ба масъалаҳои оид ба баровардани ҳукм, ки тибқи талаботи боби 36 Кодекси мазкур муқарраршуда ба миён омадааст, бо дастрасии моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи талаботи моддаи 332–и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) суд ҳукмро аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебарорад.

Бинобар ин суд, судя ӯҳдадоранд, ки бо дарки масъулияти баланд ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда, иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин намоянд.

Суд, судя бояд ҳама гуна масъалаҳоеро, ки дар ҳукм ҳал мегарданд, дар асоси қонун тибқи адолати судӣ ва мутобиқи иродаи ботинии худ ҳамаҷониба, пурра, холисона мавриди санҷиш қарор дода, ҳамаи ҳолатҳои корро дар маҷмӯъ, бе дахолат, мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

2. Тибқи талаботи моддаи 333-и КМҶ ҳукми суд бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад.

а) Таҳти мафҳуми қонунӣ будани ҳукм, бо риояи талаботи қонун ва дар асоси қонун баровärда шудани он фаҳмида мешавад.

б) Асоснок будани ҳукм чунин маъно дорад, ки он бо таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳое, ки ба суд пешниҳод гардида, дар маҷлиси судӣ муҳокима шудаанд, баровarда шуда бошад.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 272-и КМҶ ҳукми суд танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси судӣ тафтиш шудаанд, асоснок карда мешавад.

Бо назардошти талаботи моддаи мазкур суд, судя ҳуқуқ надоранд, барои тасдиқи хулосаҳои худ ба далелҳои парванда ё аз ҷониби тарафҳо дар маҷлиси судӣ пешниҳодгардида, ки таҳти тафтиши бевоситаи судӣ қарор дода нашуда, дар протоколи маҷлиси судӣ инъикос нагардида бошанд, ишора намоянд. Дар ҳукм ҳамчун далел дарҷ намудани нишондодҳои судшавандагон, ҷабрдидагон, шоҳидоне, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ додаанд, танҳо дар ҳолати риояи пурраи талаботи моддаҳои 312, 317-и КМҶ имконпазир аст.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки маълумоти воқеии дар нишондодҳои эълонгардида ва дигар далелҳои парвандаи ҷиноятӣ инъикос ёфта, танҳо пас аз санҷиши ҳаматарафаи онҳо дар рафти маҷлиси судӣ метавонанд барои хулосабарорӣ ва қарорҳои қабулнамудаи судӣ асос гарданд.

в) Дар он ҳолат ҳукми суд одилона дониста мешавад, ки бо он ба гунаҳгор мутобиқи талаботи моддаҳои 8, 9, 60-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) ҷазо таъин шудабошад.

Ҳангоми таъини ҷазо суд, судя бояд принсипи фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва

андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар гиранд.

Инчунин, ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта нисбати шахси ҷиноят содирнамуда наметавонанд бо мақсади расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ё паст задани шаъну шарафи инсон татбиқ карда шаванд.

Нисбати шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё ин ки чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятие татбиқ карда шаванд, ки барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳ шудан ва аз нав тарбия гирифтани ӯ, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошанд.

Барои як ҷиноят касе такроран ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҳар шахси бегуноҳ бояд сафед карда шавад.

3. Дар вақти баровардани ҳукм суд, судя дар хонаи машваратӣ бо назардошти талаботи моддаи 335-и КМҶ масъалаҳои дар моддаи мазкур зикргардидаро ҳал менамоянд.

4. Дар ҳукм бояд далелҳои дар муҳокимаи судӣ таҳти таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода шуда, ки бо онҳо суд, судя хулосаи худро асоснок кардаанд, дарҷ гардида, ҳамзамон ба ҳамаи далелҳои исботкунанда ва сафедкунандаи судшаванда, ки онҳоро суд, судя қабул ё инкор намудаанд, баҳо дода шаванд.

Ҳукм аз рӯи парвандае, ки бо он якчанд судшаванда дар содир намудани якчанд ҷиноят айбдор карда мешаванд, бояд таҳқиқи далелҳоро нисбати ҳар як судшаванда ва аз рӯи ҳар як айб дар бар гирад.

Ҳангоми дар мурофиаи судӣ аз додани нишондод саркашӣ кардани шоҳид, ки хешованди наздики судшаванда мебошад, суд, судя метавонанд дар ҳукм ба нишондодҳои қаблан дар таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ додаи ӯ ҳамчун далел ишора намоянд, агар шахси номбурда тибқи талаботи қисми 2 моддаи 56-и КМҶ ҳангоми додани нишондод розигии худро дода бошад.

Дар ҳукм ба нишондодҳои шахсони аз рӯи парванда пурсидашуда хулосаи коршинос (эксперт), протоколҳои ҳаракатҳои тафтишӣ ва судӣ, дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба фикру ақидаи суд ин ё он ҳолати воқеиро тасдиқ мекунанд, ишора карда, мазмуни онҳо бояд возеҳу равшан нишон дода шаванд. (Масалан, на танҳо ному насаби ҷабрдидагон, шоҳидон номбар карда шаванд, балки моҳияти нишондодҳои онҳо бояд қайд гарданд).

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 88[1] КМҶ далелҳое, ки ғайри қобили қабул ҳисобида шудаанд, беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар моддаи 85 Кодекси мазкур зикрёфта истифода шуда наметавонанд.

5. Мутобиқи муқаррароти моддаи 339-и КМҶ ҳукми айбдоркунанда набояд бо тахминҳо асос ёбад ва танҳо ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардидааст. Аз ин лиҳоз, суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳукми айбдоркунанда дар асоси далелҳои боэътимод, вақте ки ҳама гуна масъалаҳои ба миён омада мавриди таҳлил қарор гирифта, мухолифатҳои ҷойдошта бартараф гардида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, қабул карда мешавад. Аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмӯи дигар далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда ва дар мурофиаи судӣ таҳқиқгардида, тасдиқ нагардида бошад, барои қабул намудани ҳукми айбдоркунанда асос шуда наметавонад.

Риоя намудани муқаррароти қисми 4 моддаи 15-и КМҶ, ки мутобиқи он ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд, қатъӣ мебошад.

Мувофиқи талаботи қонун ба фоидаи судшаванда на танҳо шубҳаҳои бартарафнашавандаи гунаҳгории ӯ бо пуррагӣ, балки он шубҳаҳои бартарафнашавандае, ки бо лаҳзаҳои алоҳидаи айби эълонгардида, намуди гуноҳ, дараҷа ва хусусияти хоси иштироки ӯ дар содир намудани ҷиноят, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ва ғайра алоқаманд мебошад, маънидод карда мешаванд.

6. Диққати суд, судя ба зарурати риоя намудани талаботи қонун дар бораи мазмуни қисмҳои муқаддимавӣ, баёнию асосноккунӣ ва хулосавии ҳукм ҷалб карда шавад.

Моддаи 342-и КМҶ пешбинӣ менамояд, ки дар қисми муқаддимавии ҳукм бояд баровардани

ҳукм аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақт ва ҷои баровардани ҳукм, номи суде, ки ҳукмро баровардааст, ҳайати суд, қотиби маҷлиси суд, айбдоркунанда, ҳимоятгар, насаб, ном ва номи падари судшаванда, сол, моҳ, рӯз ва ҷои таваллуди ӯ, ҷои истиқомат, ҷои кор, шуғл, таҳсилот, вазъи оилавӣ ва дигар маълумот оид ба судшаванда, ки барои парванда аҳамият доранд, қонуни ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои ҷиноятe, ки дар содир намудани он судшаванда айбдор дониста мешавад, пешбинӣ менамояд, дарҷ ёбанд.

Ба мафҳуми маълумоти дигар оид ба судшаванда, ки барои парванда аҳамият доранд, маълумоте дохил мешавад, ки суд, судя ҳангоми таъини ҷазо, интихоби низоми муассисаи ислоҳӣ, эътирофи ретсидив, ҳалли дигар масъалаҳои бо баровардани ҳукм вобастаро ба назар мегиранд. Ба ин мафҳум инчунин маълумот дар бораи доштани гурӯҳи маъюбӣ, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ, унвонҳои ифтихорӣ, рутбаҳои ҳарбӣ ва дигар шуғлу мартаба, қаблан суд шудани ӯ ва ғайра низ дохил мешаванд.

Дар қисми муқаддимавии ҳукм нисбати шахсоне, ки қаблан суд шудаанд, бояд маълумот дар бораи санаи маҳкумшавии қаблӣ, қисм ва моддаи Кодекси ҷиноятӣ, андозаи ҷазо, низоми муассисаи ислоҳӣ, асос ва санаи озодшавӣ, қисми адонагардидаи ҷазо аз рӯи ҳукми қаблӣ инъикос гардад. Агар доғи судӣ барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад, суд ҳуқуқ надорад маҳкумшавии қаблиро дар қисми муқаддимавии ҳукм дарҷ намояд.

Бар замми ин, дар ин қисм бояд дарҷ карда шавад, ки парванда дар мурофиаи ошкоро ё пӯшидаи судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

7. Мутобиқи талаботи моддаи 85-и КМҶ зимни баррасии парванда дар қатори дигар ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, аз ҷумла ҳодисаи ҷиноят, гунаҳгории судшаванда дар содир намудани ҷиноят, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи он, сабабҳои содиршавии ҷиноят дохил мешаванд.

Инчунин, мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 343-и КМҶ суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд баёни кирдори ҷиноятӣ, ки онро исботшуда эътироф кардаанд, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад ва оқибатҳои ҷиноят инъикос намоянд. Агар ҷиноят аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, дар ҳукм бояд аниқ дарҷ ёбад, ки ҳар яке аз шарикони ҷиноят маҳз кадом ҳаракатҳои ҷиноятиро содир намудаанд.

Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст, оварда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Дар ҳолате, ки агар дар парванда якчанд хулосаи коршинос (эксперт) оид ба ҳамон як савол гуногунмазмун бошанд, суд, судя бояд дар ҳукм ба ҳар яке аз онҳо дар маҷмӯъ бо дигар далелҳо баҳо дода, асосҳоеро, ки бо яке аз онҳо розӣ буда, дигарашро рад кардаанд, бо пуррагӣ нишондиҳанд.

Илова бар ин дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд муносибати судшаванда ба айби эълонгардида инъикос ёфта, ба ваҷҳҳои баҳри ҳимояи худ овардаи ӯ баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шавад. Дар сурати тағйир додани нишондодҳое, ки судшаванда дар рафти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ додааст, суд, судя вазифадоранд, ки ин ва дигар нишондодҳоро аниқ санҷида, сабабҳои тағйир додани онҳоро муайян карда, ба онҳо дар маҷмӯъ бо дигар далелҳои парванда баҳои ҳуқуқӣ диҳанд.

Даст кашидани судшаванда аз додани нишондод, наметавонад гунаҳгории ӯро тасдиқ намояд ва ё ҳамчун ҳолате, ки ҳангоми таъини намуд ва андозаи ҷазо шахсияти судшавандаро аз ҷиҳати манфӣ арзёбӣ менамояд, ба инобат гирифта шавад.

8. Азбаски муҳокимаи судӣ танҳо нисбати судшавандагон сурат мегирад, суд, судя набояд дар ҳукм ибораҳоеро дарҷ намоянд, ки шаҳодати гунаҳгории дигар шахсон дар содир намудани ҷиноят бошанд.

Гарчанде иштирокчиёни алоҳидаи кирдори ҷиноятӣ, ки дар содир намудани он судшаванда низ айбдор карда мешавад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун озод карда шуда бошанд ва агар ин барои муқаррар намудани нақш, дараҷа ва хусусияти иштироки судшаванда дар ҷиноят, бандубасти ҳаракатҳои ӯ ё муайян кардани дигар ҳолатҳои муҳими парванда аҳамият дошта бошад, суд, судя метавонанд дар ҳукм ба нақшҳои шахсони мазкур дар содир намудани ҷиноят бо ҳатман қайд кардани асосҳои қатъ гардидани парванда ишора намоянд.

Агар парванда нисбати якчанд нафар айбдоршавандагон ба пешбурди алоҳида ҷудо карда шуда бошад, дар ҳукм қайд карда мешавад, ки судшаванда ҷиноятро дар якҷоягӣ бо дигар шахсон, бе номбар кардани ному насаби онҳо содир намудааст.

9. Дар ҳукм бояд хулосаҳои суд, судя вобаста ба бандубасти кирдор бо ин ё он моддаи қонуни ҷиноятӣ, қисм ё банди он асоснок карда шаванд. Суд, судя судшавандаро дар содир намудани ҷиноят аз рӯи аломатҳое, ки ба категорияҳои баҳодиҳӣ (оқибатҳои вазнин, миқдори калон, махсусан калон, масъулияти мансабии судшаванда ва ғайра) тааллуқ доранд, гунаҳгор эътироф намуда, набояд танҳо бо ишора ба аломати дахлдор маҳдуд гарданд, балки дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм ҳолатҳоеро, ки асоси хулосабарорӣ дар бораи дар кирдори судшаванда мавҷуд будани аломатҳои мазкур гардидааст, дарҷ намоянд.

Суд, судя аз рӯи парванда нисбати якчанд нафар судшавандагон ё ин ки парвандае, ки бо он судшаванда дар содир намудани якчанд ҷиноят айбдор карда мешавад, бояд бандубасти ҳар як ҷиноятро нисбати ҳар як судшаванда асоснок намоянд.

10. Ҳар гуна тағйироти айбдоркунӣ, ки дар суд ба вуқӯъ меоянд, бояд дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм асоснок карда шаванд.

Суд, судя ҳуқуқ доранд айбдоркуниро тағйир дода, ҳаракатҳои судшавандаро бо дигар моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки ҳолати судшавандаро вазнин намекунад, бандубаст намоянд ё метавонанд лаҳзаҳои алоҳидаи ҷиноятро бо моддаи қонуне, ки бо он ба судшаванда айб эълон карда нашудааст, дар сурате бандубаст намоянд, агар ҳаракатҳои судшаванда бо моддаи нави бандубастшавандаи қонун, ки ба ӯ айб эълон гардидаанд дар худ аломати ҷинояти вазнинтарро дар бар нагиранд, инчунин, моҳиятан аз ҳолатҳои воқеии айбдоркунӣ, ки аз рӯи он парванда ба пешбурди судӣ қабул шудааст, фарқе надошта, тағйироти айбдоркунӣ бошад, вазъи судшавандаро бадтар насозад ва ҳуқуқи ӯро ба ҳимоя вайрон накунад.

Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки айбдоркунӣ дар ҳолатҳои зайл вазнинтар customdониста мешавад, агар:

а) дигар меъёри қонуни ҷиноятӣ (модда, қисм ё банди модда), ки он ҷазои сахтарро пешбинӣ менамояд, татбиқ карда шавад;

б) ба хулосаи айбдоркунӣ ҳолатҳои иловагие, ки ба айбдоршаванда эълон нашудааст, ворид карда шаванд, ки ба тағйир додани бандубасти ҷиноят бо қонуни пешбининамудаи ҷазои сахттар ё ба зиёд шудани ҳаҷми воқеии айб новобаста аз тағйир наёфтани баҳодиҳии ҳуқуқии кирдори содиргардида оварда расонад.

Тахти мафҳуми айбдоркунӣ, ки моҳиятан аз айбдоркунии аввала аз рӯи ҳолатҳои воқеии худ фарқ мекунад, ҳама гуна гунаҳгор шуморидан дар содир намудани дигар кирдор бар ивази қаблан айби эълоншуда дар содир намудани ҷиноятe, ки вобаста ба объекти сӯиқасд, намуди гуноҳ ва ғайра бо куллӣ фарқ мекунад, дониста мешавад.

11. Ҳангоме, ки судшаванда дар содир намудани якчанд ҷиноятҳои бо моддаҳои гуногуни қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда айбдор карда шавад ва айби ӯ дар содир намудани баъзе аз онҳо тасдиқи худро наёфта бошад, суд, судя бояд дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм асосҳои гунаҳгор донистан ва сафед кардани судшавандаро дар содир кардан ё накардани яке аз ҷиноятҳо қайд намуда, дар қисми хулосавии ҳукм оиди қарори дахлдор қабул намудан дар бораи бо баъзе моддаҳо гунаҳгор эътироф намудан ва бо дигар моддаҳо сафед карданро дарҷ намоянд.

Дар сурате, агар судшаванда дар содир намудани ҷинояте, ки аз якчанд лаҳзаҳо иборат асту як моддаи қонуни ҷиноятӣ онҳоро дар бар мегирад, айбдор карда шуда бошад (масалан, якчанд дуздӣ ё якчанд лаҳзаҳои ҷинояти давомнок) ва айбдоркунӣ дар содир намудани баъзеи онҳо тасдиқи худро наёфтаасту ба тағйир ёфтани бандубасти кирдор оварда намерасонад, суд, судя танҳо дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм асосҳои дахлдор оварда, хулосаи худро оид ба беасос донистани айбдоркунӣ инъикос менамоянд.

Дар мавриде, ки судшаванда як ҷиноятро содир намуда, кирдори ӯ саҳван бо якчанд моддаҳои қонуни ҷиноятӣ бандубаст карда шуда бошад, суд, судя дар ин ҳолат низ танҳо дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм дар бораи хориҷ намудани моддаи қонуни ҷиноятии саҳван ба судшаванда айб эълонгардида бо дарҷи асосҳои дахлдор қайд менамоянд.

Ба судшаванда аз рӯи якчанд моддаҳои қонуни ҷиноятӣ айб эълон карда шуда бошад ва суд,

судя дар рафти муҳокимаи судӣ ба хулосаи дар хусуси аз рӯи баъзеи онҳо қатъ намудани парванда оянд, дар ин бора қарори асоснок на дар ҳукм, балки дар таъиноти судӣ, ки дар як вақт бо ҳукм бароварда мешавад, қайд мегардад. Дар ин ҳолат дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд қайд карда шавад, ки пешбурди парванда бо айбдоркунии судшаванда дар содир намудани дигар ҷиноятҳо дар асоси таъиноти алоҳида бо дастрасии моддаи 27-и КМҶ қатъ карда мешаванд.

12. Вақте ки суд, судя ба хулоса дар бораи зарурати тағйир додани айбдоркунии қаблан ба судшаванда эълоншуда ба моддаи дигари қонуни ҷиноятие, ки парванда аз рӯи онҳо танҳо бо аризаи ҷабрдида (моддаҳои 112, 116, 135, 136, 156 қисмҳои 1, 2-и КҶ) оғоз карда мешавад, оянд, дар сурати дар парвандаи мазкур мавҷуд будани аризаи ҷабрдида ё арзи шифоҳии ӯ, ки дар мурофиаи судӣ дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судшаванда пурсидааст, ҳаракатҳои судшавандаро бо моддаҳои зикргардидаи қонуни ҷиноятӣ бандубаст мекунанд.

Ҳангоми дар парванда мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида суд, судя дар мурофиаи судӣ фикри ӯро дар хусуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судшаванда муайян мекунанд. Дар сурати пешниҳод шудани аризаи ҷабрдида дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани судшаванда ё агар аризааш дар парванда мавҷуд бошаду ҷабрдида дар бораи оштишавӣ бо судшаванда изҳор намояд, суд, судя бо таъиноти (қарори) худ пешбурди парвандаро дар асоси қисми 2 моддаи 24-и КМҶ қатъ мекунанд. Тибқи қонун дар парванда иштирок намудани прокуроре, ки айбдоркуниро дастгирӣ кардааст, барои қатъ намудани пешбурди парванда бо сабаби оштӣ шудани ҷабрдида бо судшаванда монеа намешавад (ба истиснои ҳолатҳои бо қисми 4 моддаи 24-и КМҶ пешбинишуда).

Бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 24-и КМҶ парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 113 - 115, 118 қисми 1, 119, 120, 123 қисмҳои 1 ва 2, 124, 125 қисми 1, 126 қисми 1, 127 қисми 1, 128 қисми 1, 129 қисми 1, 138 қисми 1-и КҶ пешбинишуда, парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ эътироф гардида, бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад. Дар сурати ошти шудани шахси аз ҷиноят ҷабрдида бо айбдоршаванда ва барқарор намудани товони зарари ба ҷабрдида расонидашуда, пешбурди парванда қатъ карда мешавад.

13. Бо назардошти он ки дар моддаи 310-и КМҶ тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ пешбинӣ карда шудааст, суд, судя ҳуқуқ доранд бо риояи талаботи моддаи зикршуда пас аз мавриди муҳокима қарор додани дархости судшаванда бобати бо тартиби соддакардашуда гузаронидани тафтиши судӣ, танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шаванд, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд ё тафтиши судиро хатмшуда эълон карда, ба музокираҳои судӣ гузаранд. Дар сурати аз ҷониби суд, судя қонеъ намудани дархости судшаванда, дар хусуси бо тартиби соддакардашуда гузаронидани тафтиши судӣ, далелҳои парванда қисман мавриди таҳқиқ қарор мегиранд ё ин ки умуман таҳқиқ карда намешаванд. Дар ин ҳолат дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм кирдори ҷиноятие, ки судшаванда оид ба он гунаҳгор буданашро эътироф кардааст, хулосаи суд, судя доир ба риоя гардидани шартҳои бе гузаронидани тафтиши судӣ баровардани ҳукм, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо зикр мешаванд. Зеро бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372-и КМҶ оид ба яктарафа ё нопурра будани тафтиши судӣ ва ба ҳолатҳои воқеии парванда мувофиқат накардани хулосаи суд, судя, ки дар ҳукм баён шудаанд, нисбат ба ҳукме, ки бо чунин тартиб қабул шудааст, шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест.

14. Суд, судя набояд ба воқеияти ба гунаҳгор таъин намудани ҷазое, ки бо андозаи худ чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошанд, роҳ диҳанд.

Аз ин рӯ, дар ҳукм қайд намудан зарур аст, ки кадом ҳолатҳо ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии судшаванда таъсир расондаанд, инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти ӯро муайян менамоянд ва дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 85-и КМҶ исбот гардида, аз тарафи суд, судя мавриди таъини ҷазо ба инобат гирифта шудаанд, нишон дода шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки номгӯи ҳолатҳои вазнинкунанда дар моддаи 62-и КҶ пурра дарҷ гардидааст ва суд, судя ҳуқуқ надоранд мавриди асоснок кардани таъини ҷазо ба ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ишора намоянд.

Агар ин ё он ҳолат, ки дар қонун ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо (масалан, такроран содир шудани ҷиноят, агар он ҳамчун аломати ҷиноят ба инобат гирифта шуда бошад) ва дар

моддаи қонуни ҷиноятӣ ба сифати яке аз аломатҳои ҷиноят (масалан, оқибатҳои вазнин доштани ҷиноят ҳангоми маҳкумкунии судшаванда дар содир намудани куштор) пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ мавриди асосноккунии таъини ҷазо барои ҷинояти мазкур он набояд иловатан ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф карда шавад.

15. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи қисми 5 моддаи 21-и КҶ дар ҳолати ретсидив содир намудани ҷиноят дар асос ва ҳудуди пешбининамудаи ҳамин Кодекс боиси ҷазои сахттар мегардад. Аз ин рӯ, дар сурати ба судшаванда эълон гардидани айб дар содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок бояд ба инобат гирифт, ки мафҳуми ин аломатҳо дар моддаи 21-и Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

16. Мувофиқи муқаррароти моддаи 343-и КМҶ суд, судя вазифадоранд дар ҳукм асосҳои ҳалли ҳамаи масъалаҳоеро, ки бо таъини ҷазои ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷазо ё аз адои он, татбиқи дигар чораҳои таъсиррасонӣ алоқаманд мебошанд, дарҷ намоянд.

Аз ҷумла, дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд асосҳое, ки суд, судя дар хусуси таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, дар сурате, ки раводиди қонуни ҷиноятӣ дигар намуди ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабударо пешбинӣ намудааст: оид ба зарурияти нисбати судшаванда шартан татбиқ накардани ҷазо; дар бораи аз ҳадди поёнии дар қонуни ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур  пешбинигардида камтар таъин кардани ҷазо ё нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин кардан; оид ба татбиқ накардани ҷазои иловагӣ; оид ба маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбӣ ё унвонҳои махсус; оид ба мавқуф гузоштани адои ҷазо; оид ба таъин кардани намуди колонияҳои ислоҳӣ ё тарбиявӣ бо гузашт кардан аз қоидаҳои умумӣ, ба хулоса омадаанд, нишон дода шаванд.

Бо назардошти он ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан танҳо ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, таъин карда мешавад, судҳо ҳангоми таъини ин ҷазо ҳатман бояд шахсияти гунаҳгор, тарзи ҳаёт, муносибат нисбат ба кирдор ва ангезаи ҷинояти содиркардаи ӯро ба назар гирифта, хулосаҳои худро оид ба чунин қарори қабулкардаашон дар ҳукм асоснок намоянд.

17. Дар асоси қонун ҷазо дар ҳукм дар ҳама ҳолатҳо бояд тавре дарҷ гардад, ки мавриди иҷроиш он ягон гуна шубҳа нисбати намуд ва андозаи ҷазои таъиннамудаи суд ба миён наояд.

Аз ин лиҳоз, суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 344-и КМҶ нишон дода шудааст, дарҷ кунанд.

Дар қисми хулосавии ҳукм аввал он моддаҳое, ки судшаванда бо онҳо сафед карда мешавад ва баъдан бо он моддаҳое, ки ӯ гунаҳгор дониста мешавад, дарҷ меёбанд.

Ҳамчунин чӣ дар ҳукми сафедкунанда ва чӣ дар ҳукми айбдоркунанда бояд қайдҳои зерин инъикос гарданд:

- қарори даъвои граждании арзшуда;
- ҳалли масъалаҳои далелҳои шайъӣ;
- қарори тақсими хароҷоти мурофиавӣ;
- фаҳмондани тартиб ва мӯҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ ба ҳукм.

Тартиби адо намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ (дар маҳбас ё дар муассисаи ислоҳии дорои низоми муайян) ҳангоми таъини ҷазо бо маҷмӯи ҷиноятҳо ё ҳукмҳо танҳо пас аз таъини ҷазои ниҳоӣ қайд карда мешавад.

Дар сурати озод кардани судшаванда аз адои ҷазо ё баровардани ҳукм бе таъини ҷазо дар ин бора дар ҳукми айбдоркунанда он асоснок карда мешавад.

Мавриди таъини ҷазои камтар нисбат ба ҷазои муқаррарнамудаи қонун дар қисми хулосавии ҳукм бояд қайд карда шавад, ки ҷазои мазкур мутобиқи талаботи моддаи дахлдор (банди, қисми модда) бо дастрасии моддаи 63-и КҶ таъин гардидааст.

Дар бораи он ки ҷазо бо дастрасии моддаи 71-и КҶ таъин карда мешавад, танҳо пас аз таъини ҷазои ниҳоӣ қайд мегардад.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки моддаи 71-и КҶ танҳо нисбати ҷазои асосӣ (корҳои ислоҳӣ, маҳдудият дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми интизомии ҳарбӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ) татбиқ карда мешавад.

Қисми 1 моддаи 351-и КМҶ пешбинӣ намудааст, ки агар шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда фарзандони ноболиғ, дигар шахсони дар таъминоташ буда ё падару модари пиронсол, ки бе нигоҳбон мемонанд, дошта бошад, суд, судя ҳамзамон бо баровардани ҳукми айбдоркунанда масъалаи ба хешовандони наздик ё дигар шахсон супоридани онҳоро ё ҷиҳати ҷойгир намудани ин шахсон дар муассисаҳои кӯдакона ё ҳифзи иҷтимоӣ қарор ё таъинот мебарорад. Агар маҳкумшуда молу мулк ё манзиле дошта бошад, ки бе нигоҳбон мемонанд, суд, судя ҷиҳати муҳофизати онҳо низ чора меандешанд.

18. Агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судшаванда гузашта бошаду ӯ тибқи талаботи сархати 3 қисми 1 моддаи 27-и КМҶ барои қатъ кардани пешбурди парванда розӣ набошад ё судшаванда вафот карда, хешовандони ӯ гунаҳгор набуданашро баҳс намоянд, суд, судя дар сурати исботи гуноҳашон, тибқи талаботи қисми 4 моддаи 339-и КМҶ нисбати онҳо ҳукми айбдоркунанда бе таъини ҷазо мебарорад.

Ҳангоми дар мурофиаи судӣ муқаррар гардидани ҳолатҳое, ки тибқи эзоҳи моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ (масалан, моддаҳои 195, 320-и КҶ) ба озод шудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ меоварад, пешбурди судии парванда дар асоси эзоҳи моддаи дахлдори қонуни ҷиноятӣ қатъ карда мешавад.

19. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи моддаи 340-и КМҶ ҳукми сафедкунанда дар сурате бароварда мешавад, ки:

- ҳодисаи ҷиноят вуҷуд надошта бошад;
- дар кирдори судшаванда таркиби ҷиноят мавҷуд набошад;
- иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят исбот нашуда бошад.

Сафедкунӣ вобаста ба ҳар яке аз асосҳои номбаршуда маънои эътирофи бегуноҳии судшавандаро дошта, боиси пурра сафед кардани ӯ мегардад.

Зимни баровардани ҳукми сафедкунанда бинобар исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят ва шахсе, ки ин ҷиноятро содир кардааст, муайян нашуда бошад, суд, судя баробари эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм парвандаро ба прокурор барои андешидани чора ҷиҳати муайян кардани шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда бояд ҷалб гардад, равон мекунанд.

Дар вақти баровардани ҳукми сафедкунанда дар қисми баёнию асосноккунии он инҳо зикр мегарданд: моҳияти айби пешниҳодшуда; ҳолатҳои парванда, ки суд муайян кардааст; далелҳое, ки барои сафед кардани судшаванда асос шудаанд; асосҳое, ки мувофиқи онҳо далелҳои пешниҳод намудаи тарафи айбдоркунӣ рад карда мешаванд ва асосҳои қарор нисбат ба даъвои гражданӣ.

Ба ин ҳукм ворид намудани ибораҳое, ки бегуноҳии шахси сафедшударо зери шубҳа мегузоранд, мумкин нест.

Илова бар ин нисбати шахсе, ки дар содир кардани якчанд ҷиноятe, ки бо як ё якчанд моддаҳои қонуни ҷиноятӣ бандубаст карда шудааст, айбдор карда мешавад, суд, судя бояд дар қисми баёнию асосноккунии ҳукми сафедкунанда хулосаи худро дар бораи беасос донистани айб аз рӯи ҳар як модда (банд, қисми модда, лаҳзаи айбдоркунӣ) бо дарҷ намудани асосҳои дахлдори пешбининамудаи қонун мухтасар ифода намояд.

20. Дар қисми хулосавии ҳукми сафедкунанда бояд бо кадом асосҳои бо қонун пешбинишуда судшаванда аз рӯи ҳар як моддаи (банд, қисми моддаи) қонуни ҷиноятӣ сафед карда шудааст, нишон дода шавад.

Мавриди баровардани ҳукми сафедкунанда нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят бо як моддаи (банди, қисми моддаи) қонуни ҷиноятӣ айбдор карда шудааст (масалан, якчанд дуздӣ ё лаҳзаҳои ҷинояти давомнок), дар сурате агар асосҳои сафедкунӣ аз рӯи онҳо гуногунанд, дар қисми хулосавии ҳукм бояд аниқ дарҷ гардад, ки бо кадом асосҳои бо қонун пешбинишуда ва дар содир намудани кадом ҷиноят судшаванда сафед карда шудааст.

Дар қисми хулосавии ҳукми сафедкунанда инҳо бояд зикр гарданд:

- қарори бегуноҳ эътироф кардани судшаванда ва сафед кардани ӯ;
- асосҳои сафедкунӣ;
- қарори бекор кардани чораҳои пешгирӣ, ба шарте, ки он татбиқ шуда бошад;
- қарори бекор кардани таъмини мусодираи молу мулк, ба шарте, ки чунин чораҳо андешида шуда бошанд.

Мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1086, 1115-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ) (боби 47-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ) ба сафедкардашуда бояд ҳуқуқҳои ӯ роҷеъ ба барқарор намудани зарари моддӣ ва ҷуброни зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расонида шудааст, фаҳмонда дода, дар ин бора дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда шавад.

21. Ба суд, судя зарур аст, ки ҳангоми баровардани ҳукм талаботи моддаи 335-и КМҶ-ро вобаста ба ҳалли даъвои гражданӣ қатъиян риоя намоянд. Бо назардошти талаботи мазкур суд вазифадор аст дар ҳукм асосҳои пурра ё қисман қонеъ гардонидан ё ин ки рад намудани даъворо, бо нишон додани ҳисоб ва андозаи он, ки метавонад талаби даъвогарро қаноат кунонад ва қонуне, ки дар асоси он даъвои гражданӣ ҳал ёфтааст, дарҷ намояд. Мавриди қонеъ гардонидани даъвои гражданӣ, ки нисбати якчанд судшавандагон пешниҳод шудааст, дар ҳукм бояд маблағи аниқ, ки аз онҳо ба тариқи муштарак ё ҳиссавӣ рӯёнида мешавад, дарҷ ёбад.

Дар сурати мавқуф нагузоштани муҳокимаи парванда имконпазир будани чунин ҳисоббарорӣ аз рӯи даъво ва агар он ба қарори суд дар бораи бандубасти ҷиноят, андозаи ҷазо ва дигар масъалаҳое, ки ҳангоми баровардани ҳукм ба миён меоянд, таъсир нарасонад, суд метавонад ҳуқуқи даъвогари граждании оид ба қонеъ гардонидани даъвояш эътироф намуда, ба ӯ фаҳмонад, ки оид ба масъалаи роҷеъ ба андозаи он метавонад ба тариқи пешбурди суди гражданӣ ба суд муроҷиат намояд.

Ҳангоми дар мурофиаи судӣ имконнопазир гардидани муайянкунии зарари расонидашуда, ки ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонад, парванда бояд ба тафтиши иловагӣ баргардонида шавад.

22. Суд, судя ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда метавонад бо сабаби вуҷуд надоштани ҳодисаи ҷиноят ё ин ки, исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят, даъворо рад кунад. Дар сурати баровардани ҳукми сафедкунанда бо сабаби мавҷуд набудани таркиби ҷиноят дар ҳаракатҳои судшаванда даъво бе баррасӣ мононда мешавад.

Инчунин, даъвои гражданӣ мумкин аст бе баррасӣ мононда шавад, агар даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ ба мурофиаи судӣ ҳозир нашуда, дар бораи дар ғоибии ӯ баррасӣ намудани даъво дархост пешниҳод накарда бошад (ба истисноӣ ҳолатҳои бо қисми 4 моддаи 283-и КМҶ пешбинишуда, агар даъворо прокурор дастгирӣ кунад, ё ин ки суд инро зарур шуморад).

23. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки шахси нисбаташ бо ҷиноят зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё молумулкӣ расонидашуда, ҳуқуқ дорад, даъвои граждании дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ пешниҳод намояд, ки тибқи қонун новобаста аз зарари молумулкӣ дар намуди маблағи пулӣ ситонида мешавад. Ҳангоми ҳалли ҳамин қабил даъвоҳо суд бояд муқаррароти моддаҳои 171, 1115, 1116-и КГ-ро дастрас намояд, ки тибқи он андозаи зарари маънавӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси азобу уқубатҳои ҷисмонию маънавие, ки ба ҷабрдида расонида шудааст, инчунин дараҷаи гуноҳи судшаванда, ҳангоме ки гуноҳ асоси ҷуброн мебошад, аз тарафи суд муайян карда мешавад. Суд, судя бояд мавриди муайян гардидани хусусиятҳои хоси азобу уқубатҳои ҷисмонию маънавӣ, ҳолатҳои воқеие, ки бо он зарари маънавӣ расонида шудааст, инчунин хусусиятҳои хоси фардии ҷабрдида, андозаи зарарро оқилонаю одилона ба инобат гирад.

24. Тибқи талаботи моддаи 347-и КМҶ дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда, ҳамчунин ҳукми сафедкунанда ҳалли масъала оид ба далелҳои шайъӣ нишон дода мешавад.

Дар ҳукм бояд номгӯи далелҳои шайъие, ки мусодира, супурда, дар парванда нигоҳ дошта ё нобуд карда мешаванд, аниқ дарҷ гарданд.

Дар вақти ҳалли масъала дар бораи мусодираи олоти ҷиноят ё супурдани он ба муассисаҳои дахлдор ё ин ки нобуд кардан суд, судя бояд ба инобат гиранд, ки ашёҳои ба судшаванда тааллуқдошта, ки далели шайъӣ эътироф шудаанд, танҳо дар сурати қасдан истифода бурдани онҳо ба сифати олоти ҷиноят аз ҷониби судшаванда ё ҳаммаслакони ӯ мусодира карда мешаванд.

Ашёҳое, ки далели шайъӣ эътироф шудаанд ва барои муомилот манъ мебошанд, бояд ба муассисаҳои дахлдор супурда ё нобуд карда шаванд. Ба ашёҳое, ки муомилоти онҳо манъ карда шудааст (муомилоташон маҳдуд карда шудааст) инҳо дохил мешаванд: маводҳои таркандаю радиоактивӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, радиопередатчикҳо, маводҳои сахттаъсиркунанда, заҳролуд ва нашъаовар, нигоҳ доштани онҳо бе иҷозати махсус ё бо вайрон кардани қоидаҳои нигоҳдорӣ вобаста мебошад; алмос, тилло, нуқра, платина ва металлҳои гурӯҳи платинӣ дар

шакли коркарднашуда, дигар ашёҳое, ки нисбати онҳо қоидаҳои махсуси ба даст овардан ва нигоҳдорӣ муқаррар карда шудааст.

Пас аз баррасии парванда ярок, тирҳо, гилзаҳо, патронҳо бо изҳои ярок, лавозимоти ҷангӣ, ки далели шайъӣ эътироф шудаанд, бояд ба мақомоти дахлдор фиристонида шаванд. Мақомоти мазкур қарорро дар бораи нобуд кардан ё фурӯхтан, ё ин ки ба тариқи дахлдор истифода бурдани онро қабул намуда, санади дахлдор тартиб дода, ба суд ирсол менамоянд.

Ашёҳое, ки далели шайъӣ эътироф шудаанду арзише надоранд, бояд нобуд карда шаванд ва дар сурати аз тарафи шахсони манфиатдор ё муассисаҳо пешниҳод намудани дархост метавонанд ба онҳо супурда шаванд. Дар бораи супурдан, нобуд кардани ашёҳои зикргардида санади дахлдор тартиб дода, ба парванда замима мегардад.

Далелҳои шайъӣ, пул ва дигар ашёи қимматноке, ки бо роҳи ҷиноятткорӣ ба даст оварда шудаанд, ба фоидаи давлат гузаронида, ашёи дигар ба моликони қонунии онҳо баргардонида мешавад. Дар сурате, ки соҳибони онҳо муайян нашуда бошанд, ба моликияти давлат гузаронида мешавад. Ба миён омадани баҳс оид ба мансубияти ашё, бояд бо тартиби пешбурди мурофиаи судии гражданӣ ҳал карда шавад.

Пулҳои қалбакӣ ва қоғазҳои қимматнок, ки далели шайъии исботи гуноҳи судшаванда (маҳкумшуда) мебошанд, то ба итмом расидани мӯҳлати нигоҳдории парванда дар қабати он нигоҳ дошта мешаванд.

Пул ва дигар ашёи қимматноке, ки мавриди муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ муайян шудааст, ки онҳо бо роҳи ҷиноятткорона ба даст оварда нашудаанд, ё ин ки объекти ҳаракатҳои ҷиноятӣ намебошанд, ба фоидаи давлат гузаронида намешаванд.

Ҳуҷҷатҳое, ки далели шайъӣ мебошанд, ҳамроҳи парванда нигоҳ дошта, дар асоси дархост ба шахсони манфиатдор, ё ин ки муассисаҳо супурда мешаванд. Дар бораи ба шахсони манфиатдор ё муассиса супурда шудани ҳуҷҷатҳо бояд санади дахлдор тартиб дода, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шавад.

Ҳуҷҷатҳои шахсии маҳкумшудагоне, ки нисбаташон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин гардидааст, ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм бояд ба муассисаҳое, ки ин ҳуҷҷатҳоро додаанд, фиристонида, дар ин бора ба парвандаи ҷиноятӣ ҳуҷҷати дахлдор (нусхаи мактуб) ҳамроҳ карда мешаванд.

25. Мутобиқи талаботи моддаи 341-и КМҶ ҳукм бояд бо ибораҳои равшану возеҳ ва фаҳмо таҳия карда шавад. Бо назардошти ин, дар матни ҳукм истифода бурдани ибораҳои носаҳеҳ, кӯтоҳкунии ғайризарурии ибораҳо ва калимаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ иҷозат дода намешаванд, инчунин вазнин (мураккаб) кардани ҳукм бо тафсири ҳолатҳое, ки нисбати парвандаи мазкур аҳамияте надоранд, манъ карда шудааст. Дар ҳукм ибораҳои техникию махсус, инчунин шевагӣ бояд тавзеҳ дода шаванд. Ҳукм ба забоне, ки мурофиаи судӣ бурда шудааст, таҳия дода, онро раисикунанда ё судя эълон мекунад.

Азбаски ҳукм дар ҳама ҳолат ошкоро эълон мегардад, суд ҳангоми тартиб додани он бояд аз истифодабарии ибораҳои нозарур, нофаҳмо, муфассал тасвир додани тарзи содир гардидани ҷинояти бо коркарди маводи нашъаовар, воситаҳои тарканда ва ғайра вобаста, инчунин сӯиқасд ба дахлнопазирии алоқаи ҷинсии шаҳрвандон ё маънавиёти ноболиғон алоқамандбударо худдорӣ намояд. Ҳукм бояд дастнавис ё бо воситаҳои техникӣ аз ҷониби яке аз судяҳое, ки ҳангоми баровардани он иштирок дорад, тартиб дода, аз ҷониби ҳамаи судяҳо имзо карда шавад.

Риоя намудани талаботи қонун дар бораи эзоҳ додани ислоҳоте, ки дар ҳукм ворид карда шудаанд ва он аз тарафи ҳамаи судҳо дар хонаи машваратӣ то эълон гардидани ҳукм имзо карда мешавад, қатъӣ мебошад. Ислоҳоти аз тарафи судяҳо эзоҳ надода ва имзо нагардида нисбати моҳияти ҳолати парванда (масалан, банду бaсти ҷиноят, намуд ва андозаи ҷазо, андозаи даъвои граждании қонеъгардида, низоми муассисаи ислоҳӣ ё тарбиявӣ) асоси аз ҷониби суди марҳилаи болоӣ пурра ё дар қисмҳои дахлдор бекор кардани ҳукм мегардад.

Ҳамчунин, суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки дар қисми хулосавии ҳукм тартиб ва мӯҳлати овардани шикоят ва эътироз ба он ва ҳуқуқи маҳкумшуда ё сафедшуда дар бораи пешниҳод кардани дархост дар мавриди иштирок дар баррасии парванда аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ фаҳмонда дода шавад.

26. Санаи баровардани ҳукм рӯзи ба имзо расидани он аз ҷониби ҳайати суд ҳисобида мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 348-и КМҶ ҳукм бояд дар ҳаҷми пурраaш тартиб дода шуда, эълон гардад.

Дар сурати баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи пӯшида дар асоси таъиноти (қарори) асосноки суд, судя танҳо қисми муқаддимавӣ ва хулосавии ҳукмро метавонад эълон намояд.

Гузаронидани муҳокимаи судӣ дар мурофиаи пӯшида наметавонад асоси рад намудани шиносшавии судшаванда (сафедкардашуда) ва дигар иштирокчиёни мурофиа бо матни пурраи ҳукм ё дигар қароре, ки баррасии судиро хотима медиҳад, гардад.

Ҳангоми эълон кардани қисми муқаддимавӣ ва хулосавии ҳукм раисикунанда ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ тартиби бо матни пурраи он шинос шуданро мефаҳмонад**.**

27. Диққати раисикунандагони мурофиаҳои судӣ ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми баррасии дастаҷамъонаи парванда тибқи талаботи моддаи 337-и КМҶ онҳо вазифадоранд риояи тартиби муқаррарнамудаи қонун роҷеъ ба муҳокимаи масъалаҳое, ки бояд ҳангоми баровардани ҳукм ҳал шаванд, инчунин тартиби машварати судяҳоро таъмин намоянд. Дар рафти машварат раисикунанда бояд ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ (машваратчиён) барои озодона ва пурра мавриди музокира қарор додан, фикру ақидаи худро баён (пешниҳод) кардан, шароити мусоид фароҳам оварад.

Тибқи талаботи қонун, ба машварати судяҳо аз ҷониби раисикунанда масъалаҳое, ки дар моддаи 335-и КМҶ зикр гардидаанд, пешниҳод карда, дастаҷамъона аз ҷониби ҳайати суд озодона музокира кардани онҳо ва қабули қарорро аз рӯи масъалаҳои мазкур пешбинӣ менамояд.

Бо назардошти он ки ҳама гуна масъалаҳо бо шумораи бештари овозҳо ҳал мегарданд, агар яке аз судяҳо ҳангоми овоздиҳӣ нисбати яке аз масъалаҳо дар шумораи камтарин монад, дар ин сурат ӯ аз вазифаи дар муҳокима ва овоздиҳӣ нисбати масъалаҳои минбаъда озод намебошад. Судяе, ки дар шумораи камтарин мебошад, ҳуқуқ дорад фикри худро нисбати ҳукми қабулгардида дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд ва он дар лифофаи мӯҳргузошта ба ҳукми судӣ замима гардида, дар толори судӣ эълон карда намешавад.

Диққати суд, судя ба он ҷалб карда шавад, ки эълони ҳукм, ки бо он баррасии парванда ба итмом мерасад, бояд дар ҳузури иштирокчиёни мурофиаи судӣ, аз ҷумла прокурор ва ҳимоятгар, сурат гирад.

Дар толори маҷлиси судӣ ҳузур надоштани иштирокчиёни мурофиаи судӣ барои эълон шудани ҳукм монеа намегардад.

28. Бояд ба инобат гирифт, ки агар ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин татбиқи нодурусти муқаррароти қонун, ки дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва пешбурди парванда ошкор гардидааст, суд, судя мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 35-и КМҶ метавонанд нисбати шахсони ба вайронкунӣ роҳдода таъиноти хусусӣ бароранд. Суд, судя ҳуқуқ доранд, таъиноти хусусиро дар дигар ҳолатҳо низ қабул намоянд.

29. Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе назорати дахлдорро аз болои қонунӣ ва асоснок будани ҳукмҳое, ки судҳои марҳилаҳои якум қабул менамоянд, таъмин намоянд. Ҳангоми баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ ё назоратӣ, судҳои зикргардида бояд мувофиқат кардани ҳукмро нисбат ба талаботи қонун санҷида, чораҳои зарурирo барои ислоҳ намудани хатогиҳое, ки ҷой доранд бо роҳи бекор ё тағйир додани ҳукми бо вайрон кардани қонунгузории амалкунанда баровадра шудаанд, бо тавзеҳоти муфассал дар таъиноту қарорҳои худ оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳо андешида бароянд. Дар ҳолатҳои зарурӣ бояд таъиноти (қарори) хусусӣ баровадра шавад.

30. Бо қабул гардидани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 тахти №1 «Дар бораи ҳукми судӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**